2. Александрова Е.В. Экранное чтение как один из приемов формирования компетентностного читателя / Е. В. Александрова// Литература в школе. - 2013. - № 10. - С. 23-25.

3. Антипина Л.Б. Компетентностный подход в реализации образовательного процесса / Л. Б. Антипина// Методист. - 2010. - № 2. - С. 39-44.

4. Михальская А.К. Основы риторики 10-11 кал. Учебник для общеобразовательных учреждений.-3-е изд. Стереотипп.-М.: Дрофа, 2002.

5. Ожогова С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи. -М. 1974.

6. Программа компетентностного подхода к обучению русскому языку учащихся 2-4 классов средних общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. Душанбе, 2016.

7. Юлдошев У. Речевая культура студентов нефилологического ВУЗА в условиях таджикско-русского двуязычия / Вестник Педагогики, 3-4 (7-8), 2011 с.51).

## КОНСЕПСИЯИ АХЛОҚИИ АБУШАКУРИ БАЛХӢ ДАР МАСНАВИИ «ОФАРИННОМА»

*Холиқова Шоира Қодировна*[1]

Муаллиф дар мақолаи мазкур кӯшидааст асли консепсияи ахлоқии Абушакури Балхиро дар асоси маснавии «Офаринннома», ки асаре саросар пур аз андарзу насиҳат ва ахлоқ аст, мавриди таҳқиқ қарор дихад ва мақому хидмати ин шоири ҳакимро, ки дар тарбияи инсони комил ва бошараф саҳми арзишманд дорад, муайян созад.

Абӯшакури Балхӣ муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро дар «Офаринннома» инъикос намуда, дар роҳи таҳзиби хилқати инсон саъйи комил кардааст. Муаллиф ба чунин натича меояд, ки байтҳои боқимондаи ин асар муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ ва таълимии замонашро фаро гирифтааст, ки барои замонҳои баъд низ ҳамчунон пурарзиш аст.

***Калидвожаҳо:*** *Абӯшакури Балхи, шоир, ҳаким, асар, байт, маснавӣ, «Офаринннома» андарз, ахлоқ, дониш, хирад, тарбият.*

## НРАВСТВЕННАЯ КОНЦЕПЦИЯ АБУШАКУРА БАЛХИ В МЕСНЕВИ «ОФАРИННАМЕ»

*Холикова Шоира Кодировна*

В данной статье автор показывает и исследует суть нравственной консепции Абушакура Балхи на основе месневи «Офаринname». Содержание этого призведения от начала до конца полно воспитательных и моральных наставлений, которые определяют место и значение этого поэта-мудреца в воспитании и совершенствовании человека. Абушакури Балхи отражая все это в месневи «Офаринноме», даёт основание приходит к такому выводу, что дошедшие до нас бейты этого месневи отражают важные аспекты воспитания его времени, но в последующие века не потеряли свое огромное значение.

***Ключевые слова:*** *Абушакури Балхи, «Офаринноме», поэт, мудрец, произведение, бейт, месневи, наставление, нравственность, знание, воспитание.*

---

[1] **Холиқова Шоира Қодировна** (соли тав. 1970) котиби илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

# THE MORAL CONCEPT OF ABU SHAKUR BALKHI IN MESNEVI "FORENAME»

*Kholiqova Shoira Qodirovna*

In this article the author shows and examines the essence of moral concepts of Abu Shakur Balkhi based on mesnevi "Ofarinname". The content of this work from the beginning to the end is full of educational and moral instructions that determine the place and importance of this wise poet in the education and improvement of man. Abu Shakur Balkhi reflecting all of this in mesnevi "Ofarinname", gives reason and comes to the conclusion that couplet coming to us of this mesnevi reflect important aspects of the education of his time but in subsequent centuries has not lost its great importance.

***Key words:*** *Abu Shukur Balkhi, "Afarin nami", poet, sage, work, Beit, mesnevi, instruction, morality, knowledge, education.*

Муҳаққиқони таърихи адабиёт замони Сосониёнро давраи ташаккул ва густариши андарзномаҳо донистаанд. Нахустин намунаи андарзномаҳо дар шакли рисола маҳз дар ҳамин давра пайдо шудаанд. Вожаи андарз низ бори аввал дар осори форсии миёна дар шакли hndic (handaz) истифода шудааст, ки ба маънии «дастур», ё «машварат» омадааст ва осори аз адабиёти паҳлавӣ боқимонда гувоҳ бар он аст, ки ин навъи адабӣ дар адабиёти паҳлавӣ ҳамчун жанри мустақил ҷойгоҳи хос дошта, дар ташаккули андарзномаҳои адабиёти давраҳои баъд, ба хусус аҳди исломӣ нақши муҳим доштааст.

Андарзгӯйӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз нахустшоироне, ки осорашон то ба мо омада расидааст, мисли Ҳанзалаи Бодғисӣ, Абӯсалики Гургонӣ ва баъд Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз мешавад. Шоирони дигари қарни даҳуми мелодӣ, монанди Шаҳиди Балхӣ, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Дақиқӣ, Хусравии Сарахсӣ, Абулфатҳи Бустӣ низ аз худ қитъаоти баланди ахлоқӣ мерос гузоштаанд. Вале ба таъйиди аксари муҳаққиқон «ҳеҷ як аз онон дар ин роҳ ба Абӯшакури Балхӣ намерасанд». Мо нахустин андарзҳоро дар китоби мазҳабӣ ва ахлоқии гузаштагонамон «Авесто» дучор мешавем.

Абӯшакури Балхӣ дар вақти эҷоди маснавии «Офаринннома» ҳам ба осори ҳикамии қадими форсӣ, ҳам ба осори пешгузаштагони худ аз Ҳанзалаи Бодғисӣ сар карда, то Рӯдакӣ назар доштааст.

Аз дидгоҳҳои талимии Абӯшакури Балхӣ дар «Офариннома» маълум мешавад, ки вай аз андарзҳои «Хусрави Қубодон», «Пандномa» - и Бузургмехр ва «Андарзномаи Анӯшервон» бохабар будааст, ки ин гуфтаҳоро матни боқимондаи маснавии «Офариннома» ва баъзе заминаҳои таърихию мазҳабии андешаҳои ӯ собит мекунад.

Абӯшакури Балхӣ манзумаи андарзии худ «Офариннома»- ро дар соли 947 (336ҳ.) дар баҳри мутақориб навиштааст. Мазмуну муҳтаво ва шакли барозандаи абёти боқимондаи «Офариннома» далели он ҳастанд, ки Абӯшакур бо вуҷуди ҷавонӣ дар ин айём ба камолоти хунарӣ расида, зи таҷрибаи зиндагӣ баҳра бурда будааст.

Маснавии «Офариннома» асарест, ки маҷмӯи андешаву орои ин шоири бузургро дар роҳи ислоҳи ахлоқи инсонӣ дар бар мегирад ва ин сесад байте аз ин маснавӣ, ки то замони мо расидааст, консепсияи ахлоқии ин ҳакими сухандонро инъикос менамояд.

Асли консепсияи ахлоқии Абӯшакури Балхиро дар маснавии «Офариннома» пеш аз ҳама ақлу хирад ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муайян мекунад. Аз матни боқимондаи асари мазкур маълум мешавад, ки Абӯшакури Балхӣ аз қонунҳои бар нафси инсон ҳоким ва аз боварҳои омма ва низоми арзишии ҷомеаи инсонӣ ба хубӣ огоҳи доштааст. Ҳадафи ахлоқиаш аз таълифи ин достон, пеш аз ҳама ислоҳи инсон ва намудани роҳи камол ба ӯ будааст. Вай ҳамчун як суханвари аз ҳолу ҳавои ҷомеаи инсонӣ огоҳ бо илҳом аз равишҳои ахлоқии пешгузаштагон, ба хусус равишҳои тарбиятии Қуръони Карим хостааст бо андарзҳои ҳакимона ва талмеҳу ишороту тамсилҳои таърихиву асотирӣ ахлоқи аҳли ҷомеъаро ислоҳ карда, усули худсозӣ, хударзишмандӣ, таҳзиби нафс ва тақвияти ирода ва ахлоқро биомӯзонад ва зиндагии инсонро ба сӯйи беҳӣ тағйир диҳад. Ва ин байт аз ҳадафи таълимии асар сареҳан ёд мекунад:

*Биёмӯз ҳарчанд битвониё,*
*Магар хештан шод гардониё[5, 55].*

Мазмун, мӯҳтаво ва моҳияти ин андарзнома хеле вусъатнок буда, масъалаҳои таълимӣ, ахлоқ, адаб, дин мазҳаб, оинҳои мардумию мазҳабӣ, робитаҳои хонаводагӣ, муносибату муомила бо одамон, тарзи давлатдорию сиёсат, мадоро бо душманон, муруввaт бо дӯстон, моҳияти зиндагӣ, мубориза и некӣ бо бадӣ, чавҳари некӣ, подоши амали хайр, ҷазои кирдори ношоиста, арҷи ростӣ, бевафоии олам, тараҳҳум ба бенавоёну ниёзмандон, накӯҳиши зулм, танқиди дурӯғ, мазаммати ҳарисӣ ва пойбандӣ ба молу ҷоҳ, чоплусӣ, нафрат ба сарвату хоста ҳамчун манбаи бадӣ, наҳии ҷаҳолату разолат, танбеҳи пиндору гуфтори зишт, сарзаниши айбу нуқсонҳои маънавии одамон ва хисоли разилаи инсонӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Вақте ки дар маҷмӯъ байтҳои боқимондаи маснавии «Офариннома» - ро таҳлил мекунем, мавзӯъҳои меҳварии таълимоти ахлоқии шоири бузург мушаххас мешавад. Ин мавзӯъҳоро тариқи зер метавон дастабандӣ кард:

- дар хирад:
- дар ситоиши дониш, аҳли дониш ва хасоиси доноён;
- дар нодонӣ ва муҷтаниб будан аз нодонӣ;
- дар сухан гуфтан;
- дар ҳикмат ва амсол;
- дар дӯстӣ, дӯстгирӣ ва ҳуқуқи он;
- дар душмани кардан ва асбоби душманӣ ва душман;
- дар мавзӯъҳои фарзанд ва тарбияти вай;
- дар хидмати подшоҳ будан;
- андар сабр ва шитоб;
- дар боби некӣ ва бадӣ;
- андар хӯи нек ва бад;
- андар нуҳуфта доштани розҳо;
- дар дунё, ҳирси дунё ва ғайра.

Абӯшакур дар ин асар таълими вожаи андарзро ба маънии панд, насиҳат, ҳикмат ва гоҳе васият ба кор бурдааст, ки ба андарз ҳаммаъноянд.

Ин асар шоҳкорест, ки замонҳоро ба ҳам мепайвандад. Миёни афкору андешаи таълимии гузаштагон ва муосирон пайванди таърихӣ ва фарҳангиро барқарор мекунад. ҳамчун асари таълимӣ дар замонааш ва баъди он низ мақом ва мартабаи баланд доштааст. Аз ин мавқеъ Абӯшакури Балхӣ андешаҳои ахлоқиашро дар ин асар дар се меҳвари асосӣ дастабандӣ кардааст:

1. «Офариннома» афкору орои ахлоқии гузаштагон, таҷрибаи шахсии соҳиби онро низ фаро мегирад.

2. Аз оғоз то ба анҷом ахлоқи ормониро зинда мекунад.

3. Суннатҳои ахлоқиро ба сурати таълимоти амалии ахлоқӣ даровардааст.

Дар замина ҳадаф ва меҳвари андешаҳояшро Абӯшакури Балхӣ дар шеваи муносиби ҳунарӣ матраҳ карда, ҷозибаи шеъри андарзиро боло бурдааст. Ҳарчанд ин асар дар шакли комил ба дасти мо нарасидааст, бо вуҷуди ин пайванди мантиқии матолиби асар устувор аст.

Агар «Офариннома» мисли «Бӯстон» - и Саъди Шерозӣ, ки дар пайравии он навиштааст, пурра дар дасти мо мебуд, шояд дар баробари андешаҳои назарӣ ва гоҳо сахт муҷарради ин ҳаким мо ҳикоёти ширини ӯро низ мехондем. Саъдӣ дар «Бӯстон», ки «Офариннома» ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо «дар ҳукми пешрав ва пешқадамӣ» бар он будааст, «даҳ дар аз тарбият» сохтааст. Зоҳиран «Офариннома» дар шакле, ки имрӯз дастрас аст, ин гуна дарҳо надорад. Вале аз матолиби маснавӣ бармеояд, ки шояд дар асл Абӯшакур низ оид ба ҳар масъалае даре ё худ равзанае сохта будааст

Аз мутолиаи «Офариннома» хонандаи ҳушманд метавонад дар бораи асрори офариниш, арзиши зиндагии инҷаҳонию он ҷаҳонӣ, одамият, хисоли неку бад, нақш ва

ҷойгоҳи сухан, муносибатҳои инсонӣ, мақоми сухану суханвар ва мушкилоти дигари зиндагӣ биандешад. Аз байтҳои пароканда чунин ба назар мерасад, ки ин матолиб миёни ҳамдигар чандон пайванди қавие надоранд. Вале дар сатрҳо ва андешаҳои шоири бузург мо арзишҳои зиндагии инсониро бо сареҳӣ метавонем ҷудо кунем, ба баду нек баҳо диҳем. Дар гуфтаҳои ӯ чеҳраи таъмимии шоҳу гадо, донову нодон, хушбахту бадбахт, тавонгару фурӯмоя, хирадманду бехирад, олиму ҷоҳил, дӯсту душман, орифу омӣ, сахию бахил, ғолибу мағлуб, пажӯҳандаву қоҳил, нерӯманду нотавон, бинову кур, порсову фосиқ, ободонсозу ғоратгар ва даҳҳо ҷуфти муқобил ба назар меоянд, ки андешаҳои олии инсониро дар худ нуҳуфтаанд. Дар сатрҳои шоир ҳама матолиб аз нигоҳи аввал маъмулист. Вале сеҳри сухани шоири ҳунарманд андешаҳои маъмулиро ба андешаҳои олии умумиинсонӣ бадал мекунад.

Муаллифи «Офариннома» сареҳан медонист, ки ҳадафи суханони ҳикматоини ӯ, пеш аз ҳама, тарбияи инсони зубда аст. Ин ҳадафи аслии муаллифи маснавист. Вале дар зимн мо мебинем, ки шоири тавоно дари мушкилоти зиндагиро ба руйи хонанда мекушояд, фалсафаи зистанро ба ӯ менамояд. Дар пояи сатрҳои ин чандсад байт маҷмӯӣ масъалаҳое ғунҷидаанд, ки василаи сохтани инсон ва дунёи моддиву маънавии ӯ будаанд. Мухотаби шоир фақат шоҳ нест, балки барои ҳамаи инсонхо хираду дониш, адлу инсоф, ахлоқи ҳамида, сулҳу салоҳ, андешамандӣ, бахшиш, нармӣ, сиёсат, қудрат, собитқадамӣ ва ғайраро лозим медонад.

Аз ин мавқеъ шоири огоҳ ва тавоно масъалаи бунёдиро дар ислоҳи инсон ва ҷомеа ба миён мегузорад. Масъалае, ки фақат дар садаҳои ҳаждаҳ ва нуздаҳи замони мо равшанфикрони Аврупо, баъд рус ва дертар Эрону Бухоро ҷиддан онро ба миён гузоштаанд. Яъне асли консепсияи фикрии шоир ба масълаи таълим ва тарбия бармехӯрад.

Абӯшакури Балхӣ низ дар замонааш аз ноҳамгуниҳои маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа огоҳ буд. Бинобар ин мехост инсон аз маразҳои ақлӣ ва ҷисмӣ пок бошад. Таълимоти шоири ҳаким бар усули исломии омӯзиш ва парвариш такя дорад, ки иборат аст аз гуноҳ накардан. Аз мазмуни байтҳои парокандаи шоир бармеояд, ки гуноҳ накардан ду шарт доштааст: яке аз Худо тарсидан, дигаре нафъро аз зарар фарқ кардан. Баъд дар асоси қиёсу муқобила таъйид мекунад, ки ҳамон ду шарт хосси олимон аст. Вале шахс вақте бар нафси худ тасаллут пайдо мекунад, ки аз азамати илоҳӣ тарсад. Касоне, ки ҳастӣ, ягонагӣ, адл, қаҳр, азамат ва ҷалоли илоҳиро аз рӯйи илму ақл медонанд, тасдиқ мекунанд, дақоиқу асрори хилқатро низ медонанд.

Абӯшакури Балхӣ дар «Офариннома» нақш ва ҷойгоҳи хирадро дар зиндагии инсон муайян карда, маҷмӯи чораҳаеро пеш мегузорад, ки инсон ба василаи илоҷи он ба хирад ва хирадмандӣ даст меёбад.

Байтҳои зер моҳияти аслии дидгоҳи ӯро дар ситоиши хирад бо сароҳат ифода мекунанд:

*Хирадманд гӯяд хирад подшост,*
*Ки бар хосу бар ом фармонравост.*
*Хирадро тани одамӣ лашкар аст,*
*Ҳама шаҳвату орзу чокар аст.*
*Хирад чун надонӣ, биёмӯзадат,*
*Чу пажмурда гардӣ, барафрӯзадат.*
*Хирад бе миёнҷию бераҳнамой,*
*Бидонад, ки ҳаст ин ҷаҳонро худой. [12, 91].*

Шоир хирадро чизи асосӣ дар вуҷуди инсон медонад ва таъкидаш бар ин аст, ки фақат хирад метавонад нозири омилу кирдори инсон бошад. Хирад инсонро ба роҳи рост ба дурустию дурусткорӣ ҳидоят мекунад.

Абӯшакур хирадро аз забони хирадманд ва ба василаи хирадманд ситоиш мекунад ва бар ин назар аст, ки хирадманд миёни мардумон шукӯҳи хос дорад, соҳиби мартабаи баланд мебошад. Абӯшакур калимаи «хирад»-ро пеш аз ҳама ба маънии дониш ва «хирадманд»-ро ба маънии донишманд фаҳмида ва истифода кардааст. Яъне аз нигоҳи

ӯ агар инсон соҳиби донишу рой аст, ӯ хирадманд аст ва агар хирадманд аст чоҳу ҷалол низ аз пайи ӯ хоҳад омад. Ин маъниро ду байти поён басо барҷаста ифода кардаанд:

*Агар илмро нестӣ фазл бар,*
*Ба сахтӣ нахастӣ хирадманд хар.*
*Бад-он кӯш то зуд доно шавӣ,*
*Чи доно шавӣ, зуд воло шавӣ.*
*На донотар он кас, ки волотар аст,*
*Ки волотар он кас, ки донотар аст . [5. 57].*

*Хирадманд гуяд, ки таъйиду фар,*
*Ба дониш ба мардум расад, на ба фар.*
*Чу доно шавад марди бахшадакаф,*
*Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф [5. 57].*

Абӯшакур аҳаммияти донишро дар ҳаёти инсон таъйид карда, ба чунин хулоса меояд, ки шаъну шукӯҳи одам ба дониш барҷост. Ин фазилат ба воситаи зар -пулу мол ба даст намеояд. Ин ҷо сухан дар бораи бартарии маънавӣ меравад, ки арзиши ҳастии инсон дар гузашта ва имрӯз низ ба он андоза карда мешуд. Аз ин мавқеъ шоири хушманд «таъйиду фар» -ро бар мардумон танҳо аз тариқи дониш имконпазир меҳисобад:

Шоир донишро унсури аслии хирад ва хирадмандӣ медонад ва масъалаи замони ба даст овардани онро низ матраҳ мекунад. Ба назари ӯ беҳин давраи ба даст овардани дониш замони кӯдакиву наврасист:

*Ба ҳангоми барноиву кудакӣ*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки кӯчак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон, боз натвонадаш,*
*Ки аз кажживу хам бигардонадаш [12. 947].*

Абӯшакури Балхӣ дар роҳи касби дониш худудро низ таъйид кардааст ва дар замина маҳдудият намегузорад. Ба назари ӯ шахс ҳар андозае ба илму дониш соҳиб шуда бошад, баъд ба он қаноат накарда, ҳамеша дар пайи такмили касбу дониши худ шуда аз дигарон биомӯзад. Дар ин маънӣ шоир мегӯяд:

*Биёмӯз, то зиндаӣ рӯзу шаб,*
*Чунин гуфт доно, ки бикшод лаб.*
*Ниҳода зи бун худ чунин омадаст,*
*Ки аз меҳ ба донишгузин омадаст [5. 66].*

Ба андешаи шоир мақоми одами донишманд дар ҷомеа рафеъ аст. Дониш мушкилкушо ва роҳнамои инсон мебошад.

*Касе к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,*
*На ӯ боз монад, на омӯзгор.*
*Чаҳонро ба дониш тавон ёфтан,*
*Ба дониш тавон риштану бофтан[5. 66].*

Мо масъалаи асосии «Офариннома»- хирадро ҳамроҳ бо ситоиши дониш ва хасоиси доноён арзёбӣ намудем. Аммо мавзӯву масъалаҳое, ки дар ин маснавӣ, ки онро метавон нахустин донишномаи ахлоқи исломию инсонӣ номид, пеш аз ҳама дар нукоти фаровони таълимию ахлоқии он аст, ки арзиши фаровони тарбиявӣ дорад.

Абӯшакур бо нерӯи тафаккур ва бардоштҳое, ки аз зиндагӣ доштааст, муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро фаро гирифта, дар роҳи таҳзиби хилқати инсон саъйи комил кардааст. Дар ин равиш шоир бо огоҳии комил аз масоили каломию фиқҳӣ ва ахлоқӣ роҳи пок шудани инсонро аз хислатҳои ношоиставу разолат нишон дода, василаи тазйин ёфтан бо фазилатҳои некро менамояд.

Муаллифи «Офариннома» дар боби пок шудани инсон аз разоили ахлоқи, яъне

тазкияи нафс ва ороста гаштан бо фазилатҳои нек хатти устувори андеша дорад. Бинобар ин ҳам табиист, ки баъд аз ситоиши хирад ва дониш шоири ҳаким масъалаи нодонӣ ва муҷтаназ будан аз нодониро ба миён мегузорад.

*Сухангӯй ҳар гуфтаниро бигуфт,*
*Ҳама гуфти доно зи нодон нуҳуфт. [12,92].*

*Абедонишон бори ту кай кашанд,*
*Абедонишон душмани донишанд [5. 58].*

Аз назари ӯ агар бедонишӣ разоили ахлоқӣ бошад, нашинохтани ҷойгоҳи сухан , қадру манзалати он низ аз бедонишист. Аз ин назар вақте мо сари маънии байтҳои шоир дар боби сухан ва одоби сухангӯӣ меандешем, хоҳу ноҳоҳ дар фикри илми муҳоварат меафтем ва яқин мекунем, ки сухани аввалро дар ин боб ӯ гуфта будааст. Дар байтҳое, ки Абӯшакур дар ин боб гуфтааст, пеш аз ҳама донистани мавқеи суханро таъкид мекунад. Ба ифодаи дигар, шоир чун медонад, ки сухан хама вақт бо дигаре гуфта мешавад, мавқеи гуфтани он зи вазъи сомеъ ва камолоти ахлоқию маънавии гӯянда низ вобаста аст. Донистани мавқеи сухан низ маърифати ахлоқист. Шарти дигаре, ки шоир ба миён мегузорад, маърифати моҳият, нақш ва ҷойгоҳи сухан аст, ки дар сурати надонистан ва ё нашинохтан натиҷаҳои номуносиб хоҳад дод.

Азбаски дастури ахлоқии Абӯшакур барои ҳамагон аст, ӯ дар чанд байт паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо тақрир мекунад. Аз нигоҳи ӯ то ҳадди имкон сухане, ки «бифканад минбару дорро» ва ё ба гӯши мустамеъон гаронӣ орад гуфтан лозим нест. Ба назари ӯ маҳорати суханварӣ ба шахсият ва маънавият вобаста мебошад:

*Сухан к-аз даҳони бузургон равад,*
*Чу некӯ бувад, достоне шавад.*
*Сухан , к-аз даҳон нохумоюн ҷаҳад,*
*Чу морест, к-аз хона берун ҷаҳад.*
*Нигаҳдор аз ӯ хештан, чун сазад,*
*Ки наздиктарро сабуктар газад [12,92].*

Аз ин байт ва баъзе байтҳои дигар бармеояд, ки шоир аз шарҳи муҷаррради масъала ба таъйиди шахсияти соҳибсухан гузаштааст.

Дар айни ҳол Абӯшакур фақат аз муҳовараи оди сухан дар миён намеоварад, балки суханаш ба адибон низ ҳаст. Ва байти зер ҳарфи ошкорои шоир дар ҳимояи сухани бадеъ, сатҳ ва савияи он аст:

*Чу ёқут бояд сухан безуфон,*
*Сабуксанг, лекин баҳояш гарон [12,92].*

Шоир тақозо мекунад, ки агар сухан суд надошта бошад, гуфтани он ҷуз зиён чизе нест. Сухани геронмояро агар одами каммоя бигӯяд қадраш меравад. Шояд назири байтҳои зерин дар боби манзалати сухан ва суханвар дар адабиёти мо набошад, ки Абӯшакури Балхӣ гуфта:

*Шунидам, ки бошад забони сухан,*
*Чу алмоси буррону теги кӯҳан.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*
*Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард.*
*Сухан чун на бар ҷой гӯё шавад,*
*Мар он пойгаҳро, ки ҷӯё шавад. [12,92].*

Абӯшакур шоири мухтасаргӯӣ будааст, ки ин ҳам фазилати ҳунар аст. Агар дар маҷмӯъ масъалаҳои ахлоқии ба миён гузоштаи ӯро дастабандӣ кунем, суханони зерини Муҳаммади Ғазолӣ дар ҳаққи ӯ ва ҳикмати ҳикматаш сидқ пайдо мекунад. Имом менависад, ки «Ибналмукаффаъ гӯяд: ки мулуки Ҳиндро кутуби бисёре будӣ, чунонки

пилон кашидандӣ. Пас бифармуданд ҳукаморо то онро мухтасар карданд. Ҳама доноёнро иттифоқ бар чаҳор сухан афтод: яке сухан мулукрост ва он адл аст; ва як сухан раъийатрост ва он тоъат аст; ва як сухан танрост ва он нохӯрдан аст то ба вақти гуруснагӣ; ва як сухан ҷонрост ва он, он аст, ки ҷуз ба хештан нангарад.

Абӯшакур дар асри ташаккули шеъри форсии тоҷикӣ масъалаҳои бунёдии таълимиро мавриди назар доштааст. Аз байтҳои боқимонда мо андешаҳои сареҳ ва созандаи ӯро дар боби дӯстӣ, оини дӯстдорӣ ва ҳаққу ҳуқуқи он, дар душманӣ кардан ва асбоби душманӣ ва душман, дар насиҳати фарзанд ва тарбияти вай, дар оини подшоҳи кардан, дар хидмати подшоҳон, андар сабру шитоб, андар хӯи неку бад, дар нуҳуфта доштани асрор, дар дунё ва ҳирси дунё ва ғайра ба дурусти ташхис медиҳем.

Дар шинохти дӯст, оини дӯстӣ ва ҳаққу ҳуқуқи он, он чи Абӯшакур мегӯяд баъди ҳазору чанд сол низ барои рӯзгор ва ахлоқи муосирони мо коромад аст. Ахли ҷомеа бо риштаҳои нозуке миёни ҳам иртибот доранд Яке аз василаҳои устуворӣ ва бақои зиндагии борифоҳи инсон ва осоиши равонии ӯ тарзи робитааш бо инсонҳост. Абӯшакури Балхӣ дар ин маврид чун ҳаким ва дар аксар ҳолатҳо ҳамчун равоншиноси аз руҳияи инсонҳо бохабар сухан мегӯяд.

Абӯшакур «ҷовидон панди дӯст» -ро барои дӯст «беҳ аз гавҳар» медонад. Ва насиҳат мекунад, ки дӯстони озмударо набояд раҳо кард. Зеро:

*Шавад дӯст аз дӯст ороста,*
*Чу бо эминӣ мардум аз хоста.*
*Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,*
*Магар дӯстӣ, к-он бимонад ҷавон.*
*Ду чиз андӯҳ аз дил ба берун барад:*
*Рухи дӯст, овози марди хирад [12,92].*

Афкори ахлоқии Абӯшакур заминаи амиқи таҷрибавӣ дорад. Абӯшакури Балхӣ дар боби душманӣ, асбоби душманӣ ва душман дидгоҳи хос ва арзишманди ахлоқӣ дорад. Дар масъалаи шинохти душман назари Абӯшакур ба «акидаи миллии эрониён» пайванд меҳӯрад ва ба ирсияти ин разоили ахлоқӣ таъкид меварзад. Яъне, разилу камина ва пастфитрат ҳамеша пасту разил аст ва ҳеҷ таълиму тарбият наметавонад ӯро ба ахлоқи ҳасанаи инсоният ороста кунад. Абӯшакур дар замина чанд байти гарро гуфтааст, ки намунаи он байтҳои зер аст:

*Ба душман барат устуворӣ мабод,*
*Ки душман дарахтест талх аз ниҳод*

*Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,*
*Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо,*
*Ҳамон меваи талхаш орад падид,*
*Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид [5,74].*

Абӯшакури Балхӣ дар шинохт ва муносибат ба душман меъёрҳои ахлоҳии худро дорад. Паёми вай ин аст, ки **/Чу душман ба банд афтад овар ту зӯр, Ки ҳаргиз нагардад раҳо то ба гӯр/.** Илова ба ин шоир дар ин боб назари мутафовит низ дорад:

*Шунидам, ки душман бувад чун булӯр,*
*Чу гоҳи шикастан наёбӣ, машӯр.*
*Пас он гаҳ ки хоҳӣ туаш бишканӣ,*
*Чунон кун, ки бар саги хоро занӣ[12,93].*

*Сухандон нагуфт ин сухан бар фусӯс,*
*Ки дасте, ки натвон буридан бибӯс.*
*Кунад душман оҳуи кӯчак бузург,*
*Бар харгӯши ту барниҳад номи гург.*
*Чу душман ба гуфтан тавонад ҳаме -*
*Дуруге, ки бо рост монад ҳаме [12,93].*

Масъалаи дигари таълимоти ахлоқии шоир тарбияи фарзанд мебошад. Дар замина вай мавъизаи фарзандро низ муҳим медонад.

Абӯшакур таълимро «Ба ҳангоми барнюю кӯдакӣ» муҳим дониста, дар ин синну сол барои пазируфтан ва « Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ» - ро таъйид мекунад. Зеро:

*Дарахте, ки хурдак бувад богбон,*
*Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон боз натвонадаш,*
*Ки аз кажживу хам бигардонадаш [12,94].*

Дар «Офариннома» шоир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқи инсон диққат додааст, ки сабр ва шитоб аз ҷумлаи онҳост. Сабр ва таҳаммулро аз хисоли беҳтарини инсон шумурда, онро «беҳ аз тӯшаи зар ба хирворҳо» ва « аз ганҷи бисёр беҳ» мешиносад. Андеша ва машваратро мегӯяд «бояд ба ҳар кор баст», зеро «сухан бе сиголиш наояд дуруст». Дар байтҳои дигар фаротар меравад ва меафзояд:

*Шикебоӣ андар ҳама корҳо*
*Беҳ аз шӯшаи зар ба хирворҳо.*
*Шикебоӣ андар дили танг неҳ,*
*Шикебоӣ аз ганҷи бисёр беҳ [5,68].*

Тазкияи нафс ва оростони хисол бо фазилатҳои нек муҳимтарин паҳлӯи консепсияи ахлоқии Абӯшакур мебошад. Дар «Офариннома» байтҳое ҳастанд, ки некиро ситоиш ва бадиро мазаммат кардааст. Аз ҷумла:

*Ту донӣ, ки мардум, ки некӣ кунад,*
*Кунад то мукофоти он бар чинад.*
*Мукофотҳо чандгуна бувад,*
*Яке он ки корад ҳамон бидравад [5,69].*

Дар матни «Офариннома» масоили некиву бадӣ ва мубориза̣и ин ду хислати инсонӣ, ки яке ҳамида асту дигаре разила мақоми хос дорад. Шоир ба василаи тарғибу таблиғи некиву накукорӣ як силсила масъалаҳои муҳими ахлоқиро ба миён мегузорад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар замина некии бегараз дар роҳи худо ва ба ивази он чизе тамаъ надоштан будааст, ки аз назари ӯ дар зиндагии инсон накш ва ҷойгоҳи муҳим доштааст. Барои баёни ин матлаб шоир аз панди ҳиндӣ истифода кардааст, ки зарбулмасали тоҷикии «Некӣ куну дар дарё андоз»-ро ба хотир меорад:

*Яке панди нек омад аз ҳиндувон,*
*Бар он хас тавонанд нохаставон.*
*«Бикун некӣ в-он гаҳ бияфкан ба роҳ,*
*Намояндаи роҳ аз ин беҳ маҳоҳ [5,69].*

Ба назари ӯ некӣ кардан худро аз бадӣ нигоҳ доштан аст:

*Ба некӣ шавад чашм равшан туро,*
*Зи ҳар бад бувад нек ҷавшан туро [5,69].*

Подоши некиро Худованд некӣ меоварад. Бинобар ин ҳам шоир дар зиндагӣ некӣ ва накукорӣ карданро шарти муҳими зиндагии инсон таъбир мекунад.

*Зи некӣ ҳама некӣояд ба ҷой,*
*Ба некӣ диҳад низ некӣ худой [5,69].*

Шоир дар муқобили некӣ бадиро мебинид ва онро душмани инсон мешиносад. Бадӣ дар баёни ҳакимона ва тасвири шоиронаи ӯ ба мисли оташи ниҳониест, ки аз он офат ва касофатҳои азим сар мезанад:

*Бадӣ ҳамчу оташ бувад дар ниҳон,*
*Ки пайдо кунад хештан ногаҳон [5,69].*

Абӯшакур зимни баёни некиву бадӣ ба паҳлӯи дигари ин масъала-хӯи нек ва хӯи бад низ таваҷҷуҳ кардааст. Шоир бар ин аст, ки- **Зи гуфтору кирдору аз хӯи зишт, Касе надравад хуб гар кишт зишт.** Мисраи дуюм мақоли машҳури «Ҳар ки ҷав кишт ҷав ва ҳар ки гандум кишт гандум медаравад»-ро ба ёд меорад, ки низ ҳамин масъаларо дар бар гирифтааст. Шоир одамони некхӯро «беҳин мардумон» дониста, онеро, ки «хӯи бад анбози ӯст», «батар» сифат мекунад. Ӯ дар шинохти хӯи инсон фаротар меравад ва бо

сарохат мегӯяд:

*Беҳинмардумон мардуми некхӯст,*
*Батар он ки хӯи бад анбози ӯст [5,70].*

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба чанг[5,70].*

*Батар душманӣ мардро хӯи бад,*
*К-аз ӯ ҷон ба ранҷ ояду колбад [5,70].*

Дигар аз хислатхои неки инсон, ки шоир сари он андешадааст, нухуфта доштани розҳо мебошад. Рознигаҳдорӣ арзиши фаровони ахлоқӣ дошта, боиси осудагии инсон ва ҷомеа мегардад. Дар ин маврид онхое боиси маломат ҳастанд, ки рознигаҳдор нестанд.

*Касе к-ӯ бараҳна кунад рози дӯст,*
*Раво бошад ар бардаронии пӯст[5,71].*

Шоир рози аз даҳон бурунрафтаро ба тири аз камон ҷаста монанд карда, ҳунармандона мегӯяд:

*Чу дар дил нагунҷад рози касон,*
*Куҷо гунҷад андар дили дигарон.*
*Сухан, к-аз сиву ду дандон биҷаст,*
*Ба сию ду гушу дил андар нишаст.*
*Наёяд дигар бора зи мардумон,*
*Сухан, к-аз даҳон ҷасту тир аз камон [5,71].*

*Зи ман рози хеш ар надорӣ нигоҳ,*
*Нигаҳ доштани розат аз ман маҳоҳ [5,71].*

Он чи Абӯшакур дар замина муҳим мешуморад, дирӯз ва имрӯз низ ҷузъи муҳим ахлоқ, аъмол ва рафтору кирдори инсон маҳсуб мешуду махсуб мешавад. Рози худ ва касонро нигаҳ доштан хислати одамони хирадманду дурандеш аст. Аз ин ҷиҳат агар шоир дар баъзе байтҳо ин амалро зишт ва зиёновар хонда бошад, дар байтҳои дигар ба мухотабаш маслиҳат медиҳад, ки «Забонро мадоред ҳар ҷой суст, Ки то розатон кас надонад дуруст». Шоир касеро ки рози худро падид меоварад, номурод меҳисобад (Зи гетӣ ба кома нахоҳад расид). Розро то ҷовидон аз дӯсту душман пинҳон доштан эмании фардии шахс ва зиндагии ӯст:

*Ниҳуфтан сазад розро ҷовидон,*
*Ба ҷон боядаш бастан ба ҷон.*
*Або дӯсту душман набояд кушод*
*Ба фарзанд мубад чунин кард ёд:*
*«Саманро набинӣ, чӣ гӯяд шаман,*
*Магӯ роз бо як тан аз анҷуман» [5,72].*

*Кушояндаи розҳои ниҳон*
*Саранҷом расво шавад дар ҷаҳон [5,72].*

Хулоса, «Офариннома» - и Абӯшакури Балхӣ танҳо як асари бадеӣ нест. Дар мисоли ҳамин пораҳои пароканда метавон ҳадс зад, ки шоир асари комиле дар боби тарбия эҷод карда будааст Он фарогирандаи дидгоҳҳои ахлоқии мардуми мост, ки реша дар таърихи ҳазорсола дорад. Ба маънои томаш ин китоби ахлоқ ва омӯзишу парвариш мебошад. Масъалаҳои ахлоқие, ки шоир ба миён гузоштааст, табақаҳои мухталифи ҷомеаро дар бар мегирад. Мухотаби шоир ҳам шоҳ асту ҳам гадо. Шоир хираду дониш, адлу инсоф, накӯиву накукорӣ, муросову мадоро, сабру андеша, авфу бахшиш, сиёсату нармиш, қудрату қатъият ва монанди инҳоро аз рукни аслии номаи аъмоли шоҳ дониста, ҳамин фазилатҳоро ба дигар табақаҳои аҳолӣ низ зарур меҳисобад.

Бунёди мактаби хосси адабии ахлоқӣ дар адабиёти асри X ба ҷуз Абуабдуллохи

Рӯдакӣ ба номи Абӯшакур низ сахт пайванд мехӯрад. Ангезаҳои суннати андарзгӯйии ӯро мо дар осори Фирдавсӣ, Фахруддини Гургонӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Саъдӣ ва дигарон пайхас мекунем. Ба ифодаи дигар, ӯ дар садри мактабе меистад, ки минбаъд назарияи шаҳри фозиларо дар ҷомеа бунёд ниҳод ва дар равнақаш низ ҳиссагузор аст.

Абӯшакури Балхӣ ба василаи ин асари арзишманду равиши хос ва арзишманди поксозии инсон аз разоили ахлоқиро бунёд ниҳод. Ин ҳаким тарғибу таъкиди фазилатҳои неки инсониро дар меҳвари дидгоҳҳои ҷаҳоншиносии ҳакимонаи хеш матраҳ кардааст, ки пеш аз ҳама тарбияи инсони боимон, солеҳ ва ороста аз фазилатҳои некро дар назар дорад.

Маҷмӯи андешаҳои таълимии Абӯшакур дар «Офариннома» ба он нигаронида шудааст, ки фард шеваи зиндагонӣ, одоб ва расму оини иҷтимоиро фаро гирад. Адабу фарҳанг ва суханварӣ омӯзад, хоҳ подшоҳ бошаду хоҳ раъийат. Кушо бошад аз сустӣ, ки ҷузъе аз ахлоқи ношоист аст, парҳез кунад. Аз дурӯғ, риё, бедод ва суханчинӣ дур бошад. Ростӣ ва дурустӣ варзад ва худро ба малакаҳои ахлоқии дониш ва ҳунар биорояд, то қобили зиндагӣ, роҳбарӣ ва мавриди назари фарҳехтагон бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Авфӣ М. Лубобуалбоб / М. Авфӣ. Аз рӯйи чопи профессор Браун, бо муқаддима ва таълиқоти аллома Муҳаммад Қазнавӣ ва нусхаи таҳқикоти Саид Нафаӣ ва тарҷумаи дебочаи англисӣ бо форсӣ бо қалами Муҳаммад Аббосӣ, номаи аввал, китобфӯрӯшии Фахри Розӣ. Таърихи чоп баҳори 41. - 2036с.

2. Афсаҳзод А. Фирдавсӣ ва суннатҳои назми ахлоқӣ //«Садои Шарқ, 2006. - 1. – С.103 – 123.

3. Ашъори парокандаи қадимтарин шуарои форсизабон. Аз Ҳанзалаи Бодғисӣ то Дақиқӣ (ба ғайр аз Рудакӣ). Бо тасҳеҳ ва муқобила ва тарҷума ва мукаддима ба забони фаронсавӣ. Ба кӯшиши Жилбер Лазар, устоди мадрасаи забонҳои шарқии Порис. – Теҳрон: Анҷумани эроншиносии Фаронса дар Теҳрон. Сандуқи пусти 1968-11, 1982/ 1362. - 224 с.

4. Ашъори ҳамасрони Рудакӣ /Таҳияи матн ва луғату тавзехот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушакур Абдусатторов. - Душанбе: «Адиб», 2007. - С. 126-172.

5. Мирзоев А. Ашъори ҳамасрони Рудакӣ / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1958. - С.46-83.

6. Мирзоев А. Тарғиби илму дониш дар назми асри даҳ / Абдулғанӣ Мирзоев. Сездаҳ мақола. – Душанбе, Ирфон, 1977. – С.161–170.

7. Нафисӣ С. Китоби «Туҳфатулмулук» //Маҷалллаи «Меҳр» Шумораи 7,1312. - с.510-555.

8. Саймуддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ / Саймуддинов Д. - Душанбе, 2003.-232 с.

9. Сафо З. Андарз //Хабар, якшанбеи хурдоди соли 1371.- С.9.

10. Сафо З.Таърихи адабиёти Эрон / З. Сафо. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор.- Душанбе. - Интишороти байналмилалии «Алхудо» - Тоҷикистон, 2001. - 160с.

11. Тарбият М. Маснавӣ ва маснавигӯёни эронӣ // маҷаллаи «Меҳр», шумораи 3, соли панҷум. – С.225-231.

12. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои 3-4-5-и ҳиҷрии қамарӣ //Тасҳеҳи Маҳмуди Дабирӣ. Теҳрон, 1370 – С.83-107.